ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 6-уми марти соли 2026 **шаҳри Душанбе**

Суханронии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; суханронии муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим – Мирсаидов Аврор Бобоевич, тақризи номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – Раҳимов Ҷамшед Одинабекович; муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон – Насиров Р., Раҷабов Р.К. ва Қудратов Р.Р. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Мухолиф – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Самандаров Искандар Ҳусейнович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич